## ХУЛОСАИ КОМИССИЯТИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА–087 назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. 1 Забони тоҷикӣ**

Диссертатсия дар дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраи забони тоҷикӣ бо кафедраҳои забон англисӣ ва забони лотинии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” муҳокима шудааст (суратҷаласаи №13 аз 26-уми феврали соли 2026).

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Илми тиб бо ҳаёти инсон алоқаи ногусастанӣ дошта, он дар нақлу ривоятҳои халқӣ, осори хаттии ниёгонамон тасвир ёфтааст. Аз замони мавҷудияти инсоният тибби халқӣ дар асоси дармонгиёҳӣ ташаккул ёфта буд. Истилоҳоти илми тиб дар забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта, аз аввалин сарчашмаҳои динию илмӣ ва адабӣ маншаъ мегирад. Рушду равнақи забони тоҷикӣ ба асрҳои IX-X рост омада, дар ин давра беҳтарин осори илмию таърихӣ, адабӣ эҷод шудаанд, ки дар таърихи башарият мақоми сазовореро соҳиб гардиданд. Омӯзиши осори илмию таърихӣ ва бадеӣ аз лиҳози вижагиҳои сарфию наҳвӣ, лексикию семантикӣ, услубию истилоҳшиносӣ, овошиносӣ метавонад ба масъалаҳои баҳсталаби ин бахши илм мусоидат намояд.

Яке аз масъалаҳои мубраму баҳсталаби забоншиносии муосир омӯзиши истилоҳоти илмии миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти илмӣ дар асоси осори хаттии ниёгонамон мубрамии мавзуи таҳқиқро ифода мекунад.

Омӯзиш ва баррасии истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводи осори хаттии ниёгонамон, аз ҷумла “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ дар

замони соҳибистиқлолии кишвар, ташаккул ва густариши истилоҳоти миллӣ аз аҳаммият холӣ нест ва он метавонад ба масъалаҳои баҳсноки истилоҳоти тиббӣ мусоидат намуда, густариш ва ташаккули истилоҳоти тиббиро дар асрҳои IX-X муайян намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур бори нахуст хусусиятҳои маъноӣ, сохторӣ, баромади истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати забонӣ, таснифоти мавзуии истилоҳоти тиббии "Тибби Мансурӣ"-и Закариёи Розӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати сохтор, нақши воситаҳои калимасозӣ дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ, роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳибораҳо ва мавқеи корбурди онҳо дар муқоиса бо таҳқиқоти олимони забоншинос, фарҳангу луғатномаҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия, инчунин дараҷаи истеъмол ва мавқеи корбурди истилоҳоти тиббии тоҷикӣ ва иқтибосӣ муайян карда шудааст. Масъалаи таснифоти истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати баромад, мавзуъ ва нақши воситаҳои калимасоз дар истилоҳсозӣ муайян гардида, андешаҳои муҳаққиқон оид ба имконоти истилоҳсозии забони тоҷикӣ тақвият дода шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** аз он иборат аст, ки муқаррароти диссертатсияи мазкур метавонад барои рушди минбаъдаи илми истилоҳшиносии тоҷик, аз ҷумла, барои танзими истилоҳоти тиббии тоҷикӣ, барои муқаррар кардани меъёрҳои истилоҳгузинӣ, интихоби истилоҳ, роҳу воситаҳои сохта шудани истилоҳоти тиббӣ, баромади истилоҳоти илмии тиббии забони тоҷикӣ мусоидат намояд. Диссертатсияи мазкур метавонад ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъда дар самти истилоҳшиносӣ, истилоҳгузинӣ, маъношиносӣ вожашиносӣ, ибораорӣ ва калимасозӣ истифода шавад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он аст, ки маводи диссертатсия, муқаррарот ва хулосаҳои он метавонад дар таҳияи курсҳои лексикология, истилоҳшиносӣ, калимасозӣ, таҳияи курси истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ, барои таҳияи курси калимасозии забони тоҷикӣ, курсҳои махсуси таърихи забони тоҷикӣ истифода шавад. Инчунин маводи диссертатсия метавонад барои таҳияи фарҳангҳои тахассусӣ ва тафсириву дузабона, луғати калимасозию истилоҳсозии забони тоҷикӣ истифода гардад.

Ҳамчунин диссертатсия метавонад барои таҳияи корҳои курсӣ, магистерӣ ва корҳои минбаъдаи таҳқиқотӣ дар самти забони адабии муосири тоҷикӣ, забони давраи классикии тоҷикӣ ва истилоҳотшиносӣ истифода шавад.

Нуктаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф, ки дар 8 мақолаи илмӣ аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 ма□ола дар маҷмуаи ма□олаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ интишор ёфтаанд ва бо мазмун ва мавзуи диссертатсия робитаи мустақим доранд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро дар худ ҷой додааст. Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ва шумораи маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мувофиқат мекунад.

Диссертатсия кори илмии мустақилона иҷро кардашуда мебошад, ки довталаб дар баррасии мақсаду вазифаҳои таҳқиқи мавзуъ иштирок карда, аз рӯйи маводи дар диссертатсия таҳқиқшуда мақолаҳо нашр кардааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба соҳаи таърихи забони тоҷикӣ, лексикология (вожашиносӣ), луғатнигорӣ, истилоҳшиносӣ, сарф

(морфология) ба шиносномаи илмӣ-ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия ба талаботи бандҳо 31, 33 ва 35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия дорои мазмун ва мундариҷаи мукаммал буда, натиҷа ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи Маҷидзода Б.М. истифодаи маводи бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгонии илмии кори диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон кори ба итмом расида буда, ба талаботи КОА – и назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ мебошад ва он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод мешавад.

Бо назардошти аҳаммияти таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия ва арзиши амалии он, комиссияи экспертӣ ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ”-ро барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод менамояд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷонро дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси . 6.2.01 – Забони тоҷикӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1.Диссертатсияи Маҷидзода Баҳринисо Маҳмадҷон дар мавзуи “Вижагиҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар “Тибби Мансурӣ”-и Закариёи Розӣ” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D КОА - 087 назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.2.1 – Забони тоҷикӣ мутобиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**-Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илмҳои филология, профессор, муовини директор оид ба корҳои таълимию методии Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ МИСИС дар ш. Душанбе

**-Некушоева Шаҳло Саиднуриддиновна** – номзади илмҳои филология, ходими калони шуъбаи забонҳои помирии Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани матни эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои нашри автореферат ба ҳуқуқи дастнавис ва фиристондани он ба суроғаҳои пешниҳодшуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ :**
Доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Офаридаев Н.

**Узваи комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Абодуллоева С.

**Узваи комиссияи экспертӣ :**
Номзади илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Броимшоева М.Қ.

Имзои Н. Офаридаев, С. Абодуллоева ва
М. Қ. Броимшоеваро тасдиқ мекунам:

Сардори оаёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Саидраҳмонов Н. С.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
736600, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109,
Телефон: (+992) 501 33 47 25